# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии №__________

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 03.06.2025, №55

Барои сазовор донистани Восидиён Фарҳод Саъдулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01- Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)).

Диссертатсияи Восидиён Фарҳод Саъдулло дар мавзуи «Нақши мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар ташаккули сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01- Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)), санаи 26-уми марти соли 2025, таҳти суратҷаласаи №53, Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021, №35 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Восидиён Фарҳод Саъдулло шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26-уми январи соли 1985 таваллуд шудааст. Соли 2006 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси молия ва қарз хатм намуда, аз соли 2007 ба ҳайси унвонҷӯ фаъолият намуд. Восидиён Ф.С. фаъолияти кориашро аз 2007 дар Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намуда, то айни замон дар вазифаҳои гуногун фаъолият намудааст. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2021, №4 ба вазифаи муовини Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардида, фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Солеҳзода Ашурбой Абдувоҳид - муовини якуми Вазири рушди иқтисод ва савдо, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Кошонова Манзура Раҳматҷоновна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

– **Муминова Фарида Маҳмудовна** – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи моделсозӣ ва дурнамогирии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

– **Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Садриддинов М.И. навишта шуда, дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 11-уми апрели соли 2025, суратҷаласаи №9 баррасӣ гардида, аз тарафи ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода У.С. 15-апрели соли 2025 тасдиқ шудааст.

Муассисаи пешбар дар тақризи худ қайд кардааст, ки дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии суръатноки равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ, зарурати таҳкими низоми банақшагирии стратегӣ ба сифати воситаи асосӣ барои рушди устувори давлат беш аз пеш эҳсос мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дар ҳоли рушд, ки дар даҳсолаҳои охир талош дорад ҷойгоҳи худро дар саҳнаи байналмилалӣ мустаҳкам намояд, ниёз ба таҳлили амиқ ва илмии сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ дорад. Яке аз механизми муассир барои ба даст овардани ин ҳадаф - мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ маҳсуб меёбад, ки тавассути он метавон равандҳои рушдро самтнок ва мутаносиб гардонид.

Мубрамияти мавзуи мазкур аз он иборат аст, ки бидуни банақшагирии дақиқ ва стратегӣ наметавон рушди устувор ва ҳамоҳанги соҳаҳои калидии иқтисодиёт, аз ҷумла саноат, кишоварзӣ, хизматрасонӣ ва бахши иҷтимоиро таъмин намуд. Ҳамзамон, сиёсати иҷтимоие, ки ба коҳиши камбизоатӣ, таъмини шуғл, дастрасии босифати аҳолӣ ба маорифу тандурустӣ равона шудааст, бояд бо стратегияҳои рушд ҳамоҳанг бошад.

Таҳқиқот дар ин самт на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ муҳим аст, балки барои амалӣ сохтани ислоҳоти зарурӣ ва баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатӣ низ нақши калидӣ мебозад. Тоҷикистон то ҳол бо мушкилоти марбут ба ноустувории сиёсати иқтисодӣ, вобастагии зиёд аз манбаъҳои берунии молиявӣ ва паст будани иқтидори истеҳсолӣ рӯбарӯ аст. Дар чунин шароит, таҳқиқоти илмӣ дар самти муайянсозии роҳҳои

мукаммалгардонии банақшагирии стратегӣ метавонад асоси таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномаҳои рушд гардад.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки таҳқиқоти ҷиддӣ ва мукаммал оид ба нақши банақшагирии стратегӣ дар ташаккули сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳамияти калони назариявию амалӣ буда, ба сифати воситаи муҳими таҳкими давлатдории муосир, рушди устувор ва таъмини суботи иқтисодию иҷтимоӣ бароmad мекунад.

Бо назардошти нуктаҳои зикргардида муассисаи пешбар интихоби мавзуъ, аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Восидиён Фарҳод Саъдуллоро мубрам арзёбӣ намуда, таҳқиқоти анҷомдодашударо дар мавзуи «Нақши мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар ташаккули сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01- Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) кори илмии мукаммал ва баанҷомрасида ҳисобида, қайд менамояд, ки дар он натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсияи Восидиён Фарҳод Саъдулло овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро дар самти мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ эҷодкорона истифода бурдааст. Хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи таҳқиқот барои роҳандозии натиҷаҳои илмӣ дар амалия дар заминаи таҳлили назариявию таҷрибавӣ муайян гардида, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро исбот мекунад.

Асосҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи Восидиён Фарҳод Саъдулло дар мавзуи «Нақши мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар ташаккули сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии ТоҶикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқ ва ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01- Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мебошад.

Автореферати диссертатсияи Восидиён Фарҳод Саъдулло тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

## А) Мақолаҳои чопшуда дар нашрияҳои бақайдгирифтаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забони аслӣ)

[1-М]. Восидиён, Ф.С. Дастовардҳои иқтисодӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегӣ дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикисон [Матн] / Ф.С. Восидиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе: ДМТ, 2021. -№6. – С. 83-91. ISSN 2413-5151.

[2-М]. Восидиён, Ф.С. Арзёбии ҳамоҳангсозии татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ [Матн] / Ф.С. Восидиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе: ДМТ, 2022.-№8. – С. 147-154. ISSN 2413-5151.

[3-М]. Восидиён, Ф.С. Асосҳои назариявии низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозӣ [Матн] / Ф.С. Восидиён // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ.–Душанбе: ДДТТ, 2023. -№ 4/2 (50). – С. 108-117. ISSN 2308-054X.

[4-М]. Восидиён, Ф.С. Заминаҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди пардохтҳои ғайринақдӣ [Матн] / Ф.С. Восидиён, Ш.Ш.Ализода, С.С. Амонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: ДДТТ, 2023. № 4/2 (50). – С. 97 – 107. ISSN 2308-054X.

[5-М]. Восидиён, Ф.С. Марҳилаи ташаккули низоми миллии банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.С. Восидиён, Ш.Ш. Ализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: ДМТ, 2024.-№4/1. – С. 37-46. ISSN 2308-054X.

[6-М]. Восидиён, Ф.С. Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи миёнамуҳлат [Матн] / Ф.С. Восидиён, А.А. Солеҳзода // Маҷаллаи илмии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз.-Душанбе: МТС, 2024. №3(87). – С. 82-99. ISSN 2075-9584.

[7-М]. Восидиён, Ф.С. Таҳлили таъсири таҳдидҳои беруна ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.С. Восидиён, А.А. Солеҳзода // Иқтисодиёти Тоҷикистон. Маҷаллаи илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АМИТ, 2024. №3. – С. 18-26. ISSN 2310-3957.

[8-М]. Восидиён, Ф.С. Ташаккули низоми мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.С.

Восидиён, А.А. Солеҳзода // Маҷаллаи илмии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. –Душанбе: – 2024. №3(11). – С. 87-96. ISSN 2790-3567.

**Б). Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ**

[9-М] Восидиён, Ф.С. Самараи тадбирҳои зиддибуҳронии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.С. Восидиён // Маҷаллаи Бонки миллии Тоҷикистон. –Душанбе: БМТ: Бонкдорӣ, тараққиёт, ҷаҳонишавӣ, апрел-июни соли 2022. – С. 49-54.

[10-М]. Восидиён, Ф.С. Банақшагирии стратегӣ ва самтҳои такмили он тибқи таҷрибаи байналмилалӣ [Матн] / Ф.С. Восидиён // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Идоракунии давлатии рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш.Душанбе, 24.10.2024). – Душанбе: 2024. – С. 72-81.

[11-М]. Восидиён, Ф.С. Таҷрибаи байналмилалӣ дар самти банақшагирии стратегӣ ва такмили низоми миллӣ [Матн] / Ф.С.Восидиён // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Менеҷменти асри XXI: мушкилот ва дурнамои рушд». (ш.Душанбе, 31.10.2024).– Душанбе: 2024.– С. 330-339.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. **Хайрзода Ш.Қ.** - д.и.и., дотсент, Ректори Донишгоҳи давлатии Данѓара бо чунин эродҳо:

- ақидаи олимон вобаста ба мафҳуми банақшагирии стратегӣ дар шакли ҷадвал дар сатҳи хуб омода шудааст, вале беҳтар мебуд агар мафҳуми мазкур дар заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои таҳлилгардида пешниҳод мегардид;

- марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва рушди низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 2 тасвир шудааст, вале вобаста ба мазмуну моҳияти давраҳои ташаккулёбӣ дар автореферат тавзеҳот оварда нашудааст;

- дар ҷадвали 3 сатҳи таваррум ҳамчун нишондиҳандаи асосии макроиқтисодӣ пешниҳод мегардид, ба манфиати кор мешуд.

**2. Фатхуллозода А.Ф.** – н.и.и., дотсент, декани факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рудакӣ бо чунин эродҳо:

- дар расми 1 муаллиф модели таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегиро пешниҳод намудааст, хуб мешуд агар модели мазкур дар матни

автореферат мушаххас шарҳ дода мешуд;

- дар ҷадвали 4 баъзе нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар давраҳои бухронӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст, агар муаллиф оид ба бухронҳои иқтисодию молиявӣ маълумот меовард ба фоидаи кор буд.

3. **Раҳматзода Ҳ.Б.** - д.и.и., профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- хуб мешуд агар муаллиф дар таҳкиқоти худ сифати иҷрои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегиро дар кишвар мавриди омӯзиш қарор дода, мушкилоти ҷойдоштаро вобаста ба раванди татбиқи онҳо гурӯҳбандӣ мекард;

- ҳангоми таҳқиқоти ақидаи олимон оид ба мафҳуми банақшагирии стратегӣ беҳтар мешуд, агар дар ҷадвали 1 давраҳои пешниҳоди мафҳумҳо қайд мегардид.

Тақризҳои пешниҳодшуда мусбат буда, эроду таклифҳои манзургардида хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** дар асоси пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, инчунин, бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувори онҳо дар доираи таҳқиқи масъалаҳои банақшагирии стратегӣ ва нақши он дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ, хусусиятҳои назариявӣ ва мукаммалгардонии низоми идоракунии захираҳои таъминкунандаи рушди иқтисоди миллӣ, мавҷудияти интишороти онҳо дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсии муқарризон барои пешниҳоди тақриз тасдиқ шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **коркард карда шуд:** мафҳумҳо, усулҳо ва меъёрҳои асосии банақшагирии стратегӣ, ки олимони пешсаф дар ин соҳа пешниҳод кардаанд. Муайян карда шуд, ки банақшагирии стратегӣ ҳамчун низоми муҳими идоракунии давлатӣ ба ҳисоб рафта, таъмини рушди устувори кишварро тавассути муайян намудани ҳадафу афзалиятҳо, таҳлили омилҳои беруна ва дохилӣ, инчунин таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ таъмин менамояд;

- **пешниҳод карда шуд:** ҳангоми таҳияи стратегия бояд роҳҳои гуногуни ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ, яъне аз рӯи сенарияҳои эҳтимолӣ интихоб,

баррасӣ ва татбиқ карда шаванд. Бахусус, сенарияҳои татбиқи ҳадафҳо бояд дар вазъияти гуногун, бахусус дар вазъияти имрӯза, таѓйирёбанда ва афзоиши таъсири омилҳои мухталиф асоснок гардад;

- **исбот карда шуд**, ки ҷузъҳои калидии низоми банақшагирии стратегӣ таҳлили SWOT, таҳлили PEST, матритсаи Ансофф ва модели панҷ қувваи Майкл Портерро дар бар мегиранд, ки дар шароити рақобатпазирии иқтисоди ҷаҳон ва минтақа мутобиқ шудан ба тағйирот ва зиддият нишон додан бо хавфҳои беруна мусоидат мекунад;

- **асоснок карда шудааст, ки** дар шароити зудтағйирёбандаи иқтисоди ҷаҳон таъмини рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати аввал гузошта мешавад, ки ҳалли он ҷорӣ намудани механизмҳои нави ҳадафгузорӣ ва биниши стратегиро дар иқтисодиёт талаб мекунад. Рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ва таъмини босуботи он бевосита аз мавҷудияти низоми муосири банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ вобаста аст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

**исбот карда шудааст**, ки дар баробари гузаронидани омӯзишу таҳқиқотҳои зиёд аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ вазъи ҷаҳони имрӯза водор месозад, ки он такмил дода шавад. Зеро дар асарҳои илмии олимони ватанӣ то ҳол масоили низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар маҷмӯъ зери таҳқиқоти ҳаматарафа ва амиқ қарор нагирифтаанд. Танҳо баъзе ҷанбаъҳои он дар сатҳи корхона, минтақа ва соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт таҳқиқ шудаанд. Ҳамзамон, дар диссертатсияи мазкур оид ба мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ, бахусус раванди мониторинг ва баҳодиҳии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ, таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва индикаторҳои асосии ҳуҷҷатҳои стратегӣ тавсия ва пешниҳодҳо карда шудааст;

- дар таҳқиқоти гузаронидашуда усулҳои таҳлили системавӣ, оморӣ-иқтисодӣ, таҳлилу синтез, индуксия ва дедуксия, таҳлилию қиёсӣ ва мушоҳидаҳо истифода бурда шудаанд;

- **баён шудани** асосҳои назариявӣ оид ба таҳқиқи низоми банақшагирии стратегӣ имкон фароҳам овард, ки нақши низоми банақшагирии стратегии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар самти татбиқи ҳамоҳангсозии сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, арзёбӣ ва асоснок карда шавад. Дар заминаи омӯзиши ҷанбаъҳои назариявии низоми банақшагирии стратегӣ муайян карда шуд, ки самаранокии он бояд

ба принсипҳои мутобиқшавӣ, устувории дарозмуддат, ҳадафмандӣ ва рақобатпазирӣ асос ёфта, барои қабули қарорҳои устувор ва таъмини устувории макроиқтисодӣ дар шароити тағйироти доимӣ мусоидат намояд;

- **ошкор карда шудааст**, ки ҳарчанд давлатҳо дар маҷмуъ низоми ягона ё равиши якхелаи банақшагирии стратегиро роҳандозӣ намоянд ҳам, баъзе хусусиятҳои фарқкунандаи ин низом дар онҳо ҷой дорад. Аз ин рӯ, бояд низоми банақшагирии стратегӣ бо назардошти имконияту нерӯи кишвар, мавқеи ҷойгиршавӣ, шарикони асосии тиҷоратӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ роҳандозӣ гардад, ки ин ниҳоят барои ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас ва дар маҷмуъ барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум мусоидат мекунад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- **коркард ва ҷорӣ карда шуд:** натиҷаҳои асосии таҳқиқотии диссертатсия дар такмили низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозӣ, бахусус ҳангоми таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ», лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ «Дар бораи тартиби гузаронидани мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ», «Дар бораи тартиби таҳия ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ», «Дар бораи тартиби таҳия ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи соҳавӣ» ва «Дар бораи тартиби таҳия ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи маҳал» истифода шудаанд. Ҳамзамон аз ҷониби муаллиф дар асоси истифода аз усули моделсозӣ дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Тоҷикистон аз рӯи сенарияи воқеӣ, бuҳронӣ ва шиддатнок таҳия гардида, омилҳои ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ таъсиррасонанда муайян, асоснок ва гурӯҳбандӣ карда шудааст, ки дар лоиҳаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 истифода карда мешаванд (маълумотномаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, №02-42 аз 05.09.2024);

- **муайян карда шуд**, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсаду вазифаҳои стратегии рушди иқтисодиёт дар супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дигар қарору супоришҳои Ҳукумати кишвар пешбинӣ шудаанд. Таҳқиқ муайян намуд, ки дар татбиқи сифатнок ва саривақтии мақсаду вазифаҳо тамоюлҳои ҷойдоштаи иқтисоди ҷаҳон ва минтақа, аз ҷумла, низоъҳои тиҷоратӣ байни кишварҳои абарқудрат,

ҷоринамоии таҳримҳо нисбат ба шарикони асосии Тоҷикистон, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, инчунин тағйирёбии иқлим таъсири бештар расонидаанд;

- **муаррифӣ карда шуд**: низоми банақшагирии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дошта, дар он як қатор масъалаҳо, ба монанди ҳамоҳангсозӣ байни мақомотҳо, касбияти мутахассисони соҳавӣ, алоқамандии банақшагирии стратегӣ бо раванди таҳияи буҷет ва ғайра ҷой доранд. Вобаста ба ин, такмили доимии низоми мазкур, бахусус қабули санадҳои зерқонунии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ», такмили сохтори амалкунандаи вазорату идораҳо ва нерӯи кадрии онҳо дар самти банақшагирии стратегӣ ва бо назардошти ҳадафу афзалиятҳои муайянгардида ва тамоюлҳои ҷойдоштаи иқтисоди ҷаҳон таҷдиди назар намудани стратегия ва барномаҳои амалкунанда ба мақсад мувофиқ мебошад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- **назария ва амалияи таҳқиқ** дар асосҳои назариявию консептуалии пешниҳоднамудаи мактабҳои иқтисодӣ, олимони соҳаи банақшагирии стратегӣ, бо истифодаи усулҳои махсус, эътимоднокии маълумотҳо, миқдори кофии маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои корҳо ва интишорот дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ арзёбӣ карда мешавад, ки дар заминаи онҳо пешниҳодҳо ва тавсияҳои илман асосноки таҳқиқоти мазкур татбиқ карда мешаванд;

- **ғояи таҳқиқот** дар асоси муқаррароти назариявию консептуалии олимони ватанию хориҷӣ дар бахши низоми банақшагирии стратегӣ, дар заминаи амалишавии ҳадафу мақсадҳое, ки дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба парлумони кишвар, «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» муайян шудаанд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ», маводҳои конференсияҳои гуногун, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» асоснок шудааст;

- **аслият ва навгониҳои** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар ташаккули сиёсати

иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо далелҳои мушаххас ва тавсияҳои назариявӣ ва амалии коркардшуда тасдиқ шудаанд;

- **усулҳои муосири** ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот ҳангоми тартиб додани расмҳо, ҷадвалҳо, таҳия намудани диаграммаҳо ва коркарди тавсияҳо оид ба мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар ташаккули сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- саҳми шахсии муаллиф дар хулосабарорӣ, аниқсозӣ ва пуррагардонии нуқтаҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба низоми банақшагирии стратегӣ ва таҳияи пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати мукаммалгардонии низоми миллии банақшагирии стратегӣ ҳамчун омили ноилгардӣ ба ҳадафҳои стратегии кишвар, бахусус баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум ифода меёбад;
- тавсияҳои амалии таҳқиқоти муаллифро ҳамчун натиҷаи ҷудогонаи таҳқиқот метавон дар мавриди таҳияи муқаррароти назариявӣ ва методӣ ҳангоми арзёбӣ ва мукамммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ истифода бурд;
- аз рӯи мавзӯи таҳқиқот 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 8 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст;
- қисматҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба тасвиб расидаанд.

Дар маҷлис аз 03 - уми июни соли 2025 шурои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Восидиён Фарҳод Саъдулло ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01- Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар узви Шуро 15 нафар иштирок доштанд, 5 нафар мутахассис аз рӯйи диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар узви шуро, овоз доданд: тарафдор 15 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

| | |
|---|---|
| Раиси шурои диссертатсионӣ,<br>д.и.и., профессор | Усманова Т.Ҷ. |
| Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,<br>н.и.и., дотсент<br>03.06.2025с. | Гулов Ш.М. |

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ